# Вазъи низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2024

То 30 сентябри соли 2024 дар низоми суғуртаи кишвар 16 ташкилоти суғуртавӣ, аз ҷумла 1 ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ фаъолият менамоянд. Аз ин теъдод як ташкилоти суғуртавӣ ба фаъолияти азнавсуғуртакунӣ низ машғул мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи филиалҳои ташкилотҳои суғуртавии кишвар ва намояндагиҳои онҳо нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ бетағйир боқӣ монда, мутаносибан 66 ва 6 ададро ташкил дод.

**Ҷадвали 1. Сохтори низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*(бо адад)*

| | *30.09.2023* | *30.09.2024* | *Тағйирот (+/-)* |
|---|---|---|---|
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** | 16 | 16 | 0 |
| **Ташкилоти суғуртавии давлатӣ** | 1 | 1 | 0 |
| **Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ** | 15 | 15 | 0 |
| **Ташкилоти азнавсуғуртакунӣ** [1] | 1 | 1 | 0 |
| **Филиалҳо** | 66 | 66 | 0 |
| **Намояндагиҳо** | 6 | 6 | 0 |

**Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар санаи 30 сентябри соли 2024 ба 823,9 млн сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 19,0 млн сомонӣ ё 2,4 фоиз афзоиш ёфтаанд.

[1] Дар сохтори низоми суғуртаи кишвар як ташкилоти суғуртавӣ ҳамзамон ба фаъолияти азнавсуғуртакунӣ машғул мебошад.

Ҳиссаи дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар дар ин давра ба 1,8 фоиз баробар шуда, нисбат ба ММД бошад 0,6 фоизро ташкил дод.

**Уҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар санаи ҳисоботӣ маблағи 322,3 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 ба маблағи 18,9 млн сомонӣ ё 5,5 фоиз кам мебошад.

**Маблағҳои худии (сармояи)[2] ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар интиҳои давраи ҳисоботӣ ба 501,7 млн сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 ба маблағи 37,9 млн сомонӣ ё 8,2 фоиз зиёд гардиданд, ки нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби афзоиши сармояи оинномавии баъзе ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), ба амал омадааст.

**Сармояи (фонди) оинномавии** ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) то санаи 30 сентябри соли 2024 маблағи 385,1 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ ба маблағи 51,3 млн сомонӣ ё 15,4 фоиз зиёд шудааст.

**Миқдори умумии шартномаҳои басташуда** дар моҳҳои январ-сентябри соли 2024 ба 1 537,4 ҳазор адад баробар шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба миқдори 53,1 ҳазор адад ё 3,3 фоиз кам мебошад.

**Ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии)** ба дастовардашуда дар нуҳ моҳи соли ҳисоботӣ маблағи 285,0 млн сомониро ташкил дод, нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 ба андозаи 10,7 млн сомонӣ ё 3,6 фоиз кам гардидааст.

**Пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ)** дар интиҳои нуҳ моҳи соли 2024 ба маблағи 20,2 млн сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ ба маблағи 3,4 млн сомонӣ ё 20,0 фоиз афзудааст.

**Хавфҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** ба санаи 30 сентябри соли 2024 маблағи 135,6 млрд сомониро ташкил дода, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ ба андозаи 17,6 млрд сомонӣ ё 14,9 фоиз зиёд мебошад.

Дар робита ба ин, хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар санаи ҳисоботӣ маблағи 102,6 млрд сомониро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 ба маблағи 17,8 млрд сомонӣ ё 20,9 фоиз афзоиш ёфтаанд.

[2] Маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавӣ сармояи оинномавӣ, сармояи захиравӣ, сармояи иловагӣ, фонди ҳавасмандгардонӣ, инчунин фоидаи тақсимнашударо дар бар мегиранд.

**Мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодашудаи низоми суғуртаи кишвар** ба санаи 30 сентябри соли 2024 ба маблағи 81,7 млн сомонӣ баробар шуда, дар қиёс ба ҳамин давраи соли қаблӣ ба маблағи 19,8 млн сомонӣ ё 19,5 фоиз кам мебошад.

**Захираҳои суғуртавӣ** далели сари вақт иҷро гардидани уҳдадориҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) мебошанд ва дар санаи ҳисоботӣ нишондиҳандаи мазкур ба маблағи 230,6 млн сомонӣ баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2023 ба маблағи 35,3 млн сомонӣ ё 13,3 фоиз коҳиш ёфтааст. Тағйирёбии мазкур дар натиҷаи тасҳеҳи аудити ҳатмии ҳисоботи молиявии солонаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба амал омадааст.

**Фоидаи софи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** ба санаи 30 сентябри соли 2024 ба маблағи 122,5 млн сомонӣ баробар шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 25,4 млн сомонӣ ё 26,1 фоиз афзудааст.

**Ба интиҳои давраи ҳисоботӣ ҳаҷми пасандозҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар маблағи 88,6 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба нуҳ моҳи соли қаблӣ ба маблағи 29,0 млн сомонӣ ё 48,6 фоиз афзоиш ёфтааст, ки аз зиёд гардидани саҳми низоми суғурта ба иқтисодиёти миллӣ шаҳодат медиҳад.

**Нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми суғуртаи кишвар** ба санаи 30 сентябри соли 2024 аз рӯи дороиҳо **(ROA)** 14,9 фоизро ташкил дода, аз рӯи сармоя **(ROE)** бошад, ба 24,4 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ мутаносибан 2,8 ва 3,5 банди фоизӣ зиёд мебошанд.